ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КУЛОБ
БА НОМИ А.РУДАКӢ

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 57+612(575.3)



РАҶАБЗОДА АФЗАЛ МИРЗО

«ОМӮЗИШИ ҲОЛАТИ ШИДДАТНОКИИ РАВОНИ ВА ФИЗИОЛОГИИ ОРГАНИЗМИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ТАҲСИЛ»

АВТОРЕФЕРАТ
оид ба дарёфти дараҷаи илмии
доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси
6D060732 – Физиология

Душанбе – 2026

Диссертатсия дар кафедраи биология ва методикаи таълими он, Донишгоҳи давалатии Кулоб ба номи А. Рӯдакӣ иҷро шудааст

Роҳбари илмӣ:	**Устоев Мирзо Бобоҷонович** – доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи физиологияи одам ва ҳайвоноти ба номи академик Сафаров Ҳ.М. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Муққаризони расмӣ	**Табариён Баҳром Сафар** –доктори илмҳои тиб, профессор, директори Пажуҳишгоҳи тибби бунёдии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон. ба номи Абуалӣ ибни Сино.
	Шамсуддинов Шабон Нажмуддинович – номзади илмҳои биологӣ, дотсент мудири озмоишгоҳи ҷигар ва ғадуди зери меъдаи Пажуҳишгоҳи гастроэнтерологияи АМИТ
Муассисаи пешбар:	Муассисаи таълимии ғайридавлатии “Донишкадаи тибби - иҷтимоии Тоҷикистон”

Ҳимояи диссертатсия “ “ соли 2026 соати 10^{00} дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-051 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо суроғаи: 734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, бинои 16, факултети биологияи ДМТ баргузор мегардад. E-mail: mir.nur78@mail.ru.

Бо диссертатсияи ва автореферат дар китобхонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо суроғаи: 734025: ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17 ва дар сомонаи расмии ДМТ www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» _____ 2026 фиристода шуд.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои биологӣ Мирзоев Н.М.

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Баъд аз соҳибистиқлол гардидани кишвари маҳбубамон Тоҷикистон дар ҳама соҳаҳои гуногуни ҷомеа аз ҷумла, дар соҳаи илм ва маориф тағйирот ва ислоҳот даровардан пеш омад. Вобаста ба шароити кунунӣ давраи навин марбут ба рушду ташаккул ва баландбардории сифату самаранокии таълиму тарбия, ҳамчунин, ба талаботи давр ҷавобгу будани сатҳу сифати дониши хонандагон, хусусан, нақш ва аҳаммияти муассисаҳои типи нав, литсей ва гимназияҳо дар назди коркунони соҳаи маориф, олимон вазифаи нав мегузорад. Аз ин ру, омӯзиш ва ба эътибор гирифтани ҳолатҳои шиддатнокии равонӣ ва эҳсосии фаъолияти асаб ва типҳои он, паҳлуҳои назариявӣ ва амалии онҳо ҳангоми таълим додану тарбия намудан аз ҳар ҷиҳат масъалаи басо муҳим маҳсуб меёбад. Чунин талаботи ҷиддӣ ба рушду инкишофи арзишҳои ахлоқӣ ва рушди ҷаҳони маънавии хонандагон мусоидат намуда, заминагузор ва боис ба ҳаматарафа васеъ гардидани фитрати хонандагон мегардад. Дар мавриди ба эътибор гирифтани чунин тарзи омӯзиш аз тарафи омузгорон нисбат ба хонандагон ва дар оянда ба камол расонидану омода намудани мутахассисони баландихтисосу рушдёфта ҳиссагузор мегардонад. Оид ба тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси соҳаҳои гуногун дар Паёми ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар ёдовар мешаванд:

“Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем” [10, с.34].

“Таҳсил дар мактабҳои типи нав махсусияти худро дорад, ки бо касбияти мактаби олӣ алоқаманд буда, дар шароитҳои гуногун зиндагӣ кардан, ба монанди хобгоҳ, истеъмоли ғизо, иҷроиши сарбории иловагӣ ва дигар омилҳое, ки ба организми хонандагон таъсири гуногунҷабҳа мерасонанд, аз ҳолати функсионалии системаҳои физиологӣ вобаста аст” [12, с.166;].Ин ақидаро олимони дигар низ тарфдорӣ мекунанд [15, с.110; 17, с.248; 18, с.237].

“Яке аз омиле, ки дар байни дигари онҳо мавқеи намоёнро ишғол мекунад, стресси имтиҳонӣ мебошад, ки дар хонандагон, муассисаҳои таълимӣ шиддатнокии эҳсососиро ба амал меорад, баъзан дар хонандагон стресси асабонишавӣ ба назар мерасад. Ҳамин тариқ, дар ҳар ҳолат имтиҳон сабаби осеб дидани вазъи руҳӣ низ мегардад” [5, с.239].Бо нишондоди дигар олимон ин ҳолатро дар донишҷуён низ дидан мумкин аст [7, с.41, 10, с.136].

«Имтиҳон метавонад дар давоми якчанд вақт синдроми интизорӣ ё стресси руҳиро ба амал орад. Мондашавии фикри пурра хоб накардан дар давраи тайёрӣ ба имтиҳон метавонад вайроншавӣ механизмҳои мутоқибшавии танзимкуниро дар системаи равонӣ, вегетативӣ, гормоналӣ ва дигар системаҳоро низ тағйир диҳад, ки динамикаи коркарди қобилиятноки ҳалшуда ва мутобиқшавиро ба ҳолатҳои стрессӣ ба таври назаррас тағйир медиҳад» [14, с.138].

Барои хонандагон давраи супоридани имтиҳон ҳамчун ҳолати интизорӣ кашидан ба ҳодисае, ки аҳамияти муҳими ахбориро то ба амал омадани он маҳсуб меёбад, дорост.

Натиҷаҳои бадастомада шаҳодат медиҳад, ки ҳангоми имтиҳонсупорӣ дар кори қариб аксари узвҳо тағйирот ба назар мерасад.

Дар замони ҳозира нисбатан барвақт шуруъ намудани таълими системавӣ ба таври назаррас баланд бардоштани раванди таълим, ба таври васеъ истифода бурдани навгониҳои соҳаи педагогика ба номутобиқатӣ сарбории таълимӣ ба имконияти функсионалии организми хонандагон ва инкишофёбии шиддатнокии механизми мутобиқшавӣ, ба вайроншавии фаъолияти организм ва бадшавии ҳолати саломатии хонандагонро ба амал меоранд. Аҳамияти калидиро инкишофи хонандагон ҳолати буҳронӣ ва давраҳои асосии ҳаёт, ҳосилшавии навгониҳои морфофизиологӣ нисбат ба давраи оромӣ, инкишофи синну сол тезтар мешавад, иҷро мекунад [6, с.76].

“Дар баробари ин ба поёнрасии ин давра, давраи хатмкунии муассиса фаро мерасад. Дар шароити равандҳои муосири маълумотнокӣ муассисаҳои таълимӣ ду самти таълимро дарбар мегирад. Якум мураккаб ва васеъ намудани барномаи таълимӣ, литсейҳо, гимназияҳо. Дуюм тағйирот дар барномаи муассисаи таҳсилот миёнаи умумӣ” [5, с.239].

“Таҳқиқотҳои муосир нишон доданд, ҳангоми супоридани имтиҳонҳо тағйироти куллиро бештар дар фаъолияти системаи асаб ва системаи гардиши хун дидан мумкин аст ва метавонад таъсири манфӣ дошта бошад. Ин тағйиротро дар фаъолияти идоракунии системаи вегетативӣ ба дилу рагҳо дидан мумкин аст” [19, с.96].

Таҳқиқоти олимони дигар нишон доданд,ки дар ин раванд асабҳои симпатикӣ нақши муҳимро иҷро мекунанд [; 9, с.37,20, с.8; 32, с.54; 15, с.64; 16, с.110].

“Дар шароити кунунии таълим натиҷаҳои назаррас ва фоидаовар оид ба стресси равонию эҳсосӣ ба даст оварда шудаанд. Яке аз сабабҳо мавҷудияти эҳтимолияти фардӣ ва самаранокии фаъолияти одам дар шароити шиддатнокии эҳсосӣ ва майлкунии гуногун ба пайдошавии стресс мебошад” [13, с.28].

Ин олимон дар он ақидаанд, ки мутобиқшавии организм ба омилҳои шиддатнокии эҳсосӣ тавассути алоқамандии байни шуъбаҳои симпатикӣ ва парасимпатикии системаи вегетативии асаб ба амал меояд, ки тавассути усули кардиомасофа (кардиоинтервал) муайян карда мешавад [13, с.71,14,с.54].

“Баҳодиҳӣ ба тағйирёбии кори дил метавонад ба таври интихобӣ саҳми шуъбаи симпатикӣ ва парасимпатикии танзими равандҳои дар организми одам ба амал омадаро муайян кунад”. [1, с.408].

“Таҳсил дар таълимгоҳҳои сохти нав махсусияти худро дорад, ки ин басифати дониши хонандагони муассисаҳои таълимӣ омилҳои омӯзиши раванди таълим, истифодаи усулҳои махсус ва тарзи зисти хонандагон дар оила ва дигар омиҳое, ки ба организм гуногун таъсир мерасонад вобаста аст “[14, с.142;]

Ба ақидаи олимони дигар яке аз омилҳое, ки мавқеи марказиро ишғол мекунад ва шиддатнокии эҳсосиро ба амал меорад, ин стресси имтиҳонӣ мебошад [3, с.71; 8, с.54; 15, с.71; 16, с.110, с.17, с. 248, 19, с.960].

Ҳолати имтиҳон реаксияи занҷириро аз қишри майнаи сар саркарда, то ҳуҷайраҳои хурдтарин ва молекула ба амал меорад. Дар натиҷа вайроншавии танзими системаи дилу – рагҳо, баландшавии СО ва ҲДХ тезшавӣ ё сустшавии набзи артериявӣ ба назар мерасад. Вобаста аз андозаи миёнаи зудии кори дил шароити стресс бо зиёдшавии сарбории ҷисмонӣ рост меояд. Шиддатнокии тӯлонӣ ва аён метавонад фаъолшавии шуъбаҳои симпатикӣ ва парасимпатикии системаи вегетативии асаб ва равандҳои гузариш вайроншавии гомеостази вегетативӣ ва баландшавии қобилиятнокии реаксия системаи дилу рагҳо, аз ҷумла, баландшавии фишори артериявиро ба амал орад. Сарбории фикрӣ ва равонӣ–эҳсосӣ кори системаи нейроэндокриниро ҳамчун стресси музмин, ки тағйирёбии мубодилаи моддаҳо, аз ҷумла, сафедаро ба амал меорад, тавсиф карда мешавад.

Ҳамин тавр, стресси имтиҳонӣ яке аз манбаи асосии таъсири манфӣ расонанда ба саломатии хонандагон ба ҳисоб меравад. Ин мушкилоти дар як, ду нафар ба амал наомада характери оммавӣ дорад, ки ҳар сол қариб садҳо ҳазор хонандагонро дарбар мегирад.

Аксуламали организм ба ҳамагуна имтиҳон аён ба амал меояд. Бинобар ин ба таври чуқур ва ҳаматарафа ҳолати равони эҳсосии хонандагонро ҳангоми имтиҳонсупорӣ омухтан зарур аст.

Аз ин боис, мактабҳое, ки муҳлати таълимоташон давомнок аст, имконияти муайян намудани таъсири мухталифи имтиҳонӣ ба вазифаи узвҳо, организми хонандагон ва саломатии онҳо, инчунин

ба дигаргун кардани рафти таълимӣ марбут ба паст намудани шиддатнокии руҳӣ ва эҳсосоти онҳо роҳандозӣ гардидааст.

Мушкилоти муайянкунии оммавии ҳолати равонӣ ва равонию – физиологӣ имконият фароҳам меорад, ки он ба таври гуногун дар хонандагон ба роҳ монда шавад. Баъзе коркардҳои мавҷуда, асосан барои он гуруҳҳои касбие, ки барои истифодаи иттилоот равона карда шудааст. Дар баробари ин мушкилиҳое, ки дар назди физиологҳо мавҷуданд, муайян намудани вазифаи коркарди чунин системаи автоматикие мебошад, ки имконияти қонеъ намудани талаботи бисёр хонандагонро дар муассисаҳои хусусӣ, литсейҳо, гимназияҳо ва муассисаҳои таълимоти миёнаи умумӣ ба роҳ монда шавад. Аз сабаби он ки ба таври қиёсӣ дараҷаи донишандӯзии хонандагони муассисаҳои таълимоти миёнаи умумӣ кам омухта шудааст ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон умуман ба назар намерасад.

Бинобар ин, омӯзиши ин раванд яке аз масъалаи мубрами руз ба ҳисоб меравад

Дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзиш. Дар асоси таҳлили дақиқи сарчашмаҳои сершумори илмӣ, алоқамандии зиччи функсионалии майнаи сар, шиддатнокии равонӣ-эҳсосӣ дар хонандагони шакли гуногуни таҳсил муайян карда шудааст. Аз сабаби он, ки ба таври қиёсӣ, омӯзиши ҳолати функсионалии майнаи сари хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ ва таъсири омилҳои гуногун ба организми хонандагон ва тағйирёбии шиддатнокии эҳсосӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида нашудааст ва таҳқиқоти мо дар ин самт яке аз аввалинҳо ба шумор меравад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ. Қисми асосии кори диссертатсионӣ дар доираи мавзуъҳои таҳқиқотии кафедраи физиологияи одам ва ҳайвоноти ба номи академик Ҳ.М. Сафаров Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи ”Тағйирёбии ҳолати функсионалии организми одам ва ҳайвонот дар ҳолатҳои гуногуни физиологӣ” таҳти рақами №Гр.0122TJ1442) барои солҳои 2021--2025 гузаронида шудааст.

Таҳқиқоти мазкур бо ҳадафҳо ва вазифаҳои барномаҳои стратегии давлатӣ дар соҳаи илму маориф ва рушди илмҳои дақиқ мутобиқат ва робитаи мустақим дорад. Аз ҷумла ба талаботи барномаи «Бистсолаи омузиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ (2020-2040)» пурра мутобиқ мебошад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Омузиши шиддатнокии эҳсосӣ ва физиологии хонандагон,типҳои фаъолияти олии асаб ва дараҷаҳои

гуногуни донишазбаркунии хонандагон дар муассисаҳои типи нав, муассисаи таълимӣ, мактаби Президентӣ ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳангоми таҳсил ва супоридани имтиҳонҳои аз синф ба синф гузаштан ва хатми муассиса.

Вазифаҳои таҳқиқот:

1. Баҳодиҳии нишондиҳандаҳои физиологӣ оид ба шиддатнокии функсионалии организми хонандагон дар ҳолатҳои гуногун (супоридани тестҳо, имтиҳони гузариш аз синф ба синф ва имтиҳонҳои хатм) барои синфи 9-ум.
2. Омузиши махсусияти мутобиқшавии хонандагони мактаби Президентӣ ва муассисаи таълимоти миёнаи умумӣ дар ҷараёни таҳсил.
3. Коркарди усули баҳодиҳӣ ва пешгирикунии ҳолати функсионалии нишондиҳандаҳои вегетативии хонандагони литсейҳо ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.
4. Омузиши махсусияти танзими вегетативи системаи дилу рагҳои мактаббачагони синну соли гуногун ҳангоми таҳсили ҳаррӯза ва стресси имтиҳонӣ.
5. Гузаронидани таҳқиқоти равонӣ ташхисшавандагон, муайян намудани типпи мизоҷ ва ҳаҷми хотира ва диққат.

Объекти таҳқиқ.

статуси функсионалӣ ва эҳсосию равонии хонандагони, синфҳои 8 ва 9-уми Мактаби Президентӣ ва муассисаи таълимоти миёнаи умумии №6 ш. Кӯлоб дар ҷараёни таҳсил ва супоридани имтиҳонҳо.

.**Мавзӯи таҳқиқот**. Омузиши тағйирёбии шиддатнокии равонӣ-эҳсосии хонандагон, таъсири омилҳои гуногун ба нишондиҳандаҳои системаи вегетативӣ вобаста аз шакли таҳсил.

Навгониҳои илмии таҳқиқот. Аввалин маротиба ба таври қиёсӣ ва якҷоя оид ба фаъолияти хонандагон дар шароитҳои гуногун омӯхта шудааст. Қобилиятнокии махсус вобаста аз характери раванди имтиҳон муайян ва таъсири баъзе омилҳо ба шиддатнокии фаъолияти хонандагон омӯхта шудааст. Коркарди усули муосир оид ба баҳодиҳӣ ва пешгӯии дараҷаи шиддатнокии функсионалии хонандагон вобаста аз шакли имтиҳон ва синну сол, шароитҳои гуногун ва таъсири ин омилҳо ба ҳолати функсионалии организми хонандагон аввалин маротиба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст, ки дар шароити меъёрии таълим дар хонандагои муассисаҳои типи нав назар ба муасиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дараҷаи донишазбаркунӣ баланд буда,

шиддатнокии эҳсосӣ дар онҳо нисбатан аён мушоҳида карда мешавад. Аввалин маротиба ба таври қиёсӣ муайян карда шуд, ки дар хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ нисбат ба хонандагони литсей дараҷаи тезмондашавии эҳсоси равонӣ-физиологӣ мушоҳида мегардад, ки ин ба рафти донишазбаркунӣ ва мутобиқшавии онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Аввалин маротиба ҳолати тағйирёбии шидатнокии эҳсосӣ дар хонандагон вобаста ба мизоҷ ва типи фаъолияти асаби онҳо муайян карда шудааст

Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот. Аввалин маротиба ба таври қиёсӣ баҳо додан ба хонандагони сатҳи донишандузии гуногун дошта ва тарзи қабули имтиҳонҳо, баҳогузории онҳо муайян карда шудааст. Коркарди методи баҳодиҳӣ ва пешгӯии дараҷаи шиддатнокии функсионалии хонандагон ва динамикаи он дар шароитҳои гуногун имконият медиҳад, ки бо сифати баланд ва дараҷаи нав ба ҳолати шиддатнокии функсионалии хонандагон вобаста аз синну сол, тавсифи шахсӣ, баҳо додан ба характер, мизоҷи онҳо ва дараҷаи таъсири омилҳои гуногуни раванди таълим ба роҳ монда шуд.

Оиди натиҷаҳои таҳқиқот коркарди методӣ ва тавсияҳо нисбати истифодаи натиҷаҳо дар ҷараёни таълим, ҳам санад оиди амалигардони пешгуиро осон гардонида имконияти муайян намудани дараҷаи таъсири омилҳои номусоидро дар раванди таълим муайян мекунад. Маводҳои ба дастовардашуда маълумотҳои васеъро оиди мутобиқшавии психофизиологии хонандагон ба таълим муайян намуда имконияти истифодаи онро дар ҷараёни таълим пешниҳод менамояд. Новобаста аз он, ки талабот нисбати маълумоти мактаби Президентӣ назар ба хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умуми бештар мебошад мутобиқшавӣ ба таҳсил дар онҳо нисбатан фаъол мегузарад.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Муайян карда шуд,ки дар шароити муътадили раванди таълим ҳолати симпатоникиро дар хонандагони мактаби Президентӣ дидан мумкин аст. Ҳам замон дар хонандагони муассисаи таълимоти миёнаи умумӣ ҳолати нормотоникӣ ошкор гардидааст. Инчунин муайян карда шудааст, ки стресси имтиҳони баландшавии тонуси симпатоникиро дар ҳамаи гуруҳҳои тасхишаванда ба ғайр аз литсейҳо, ки дар онҳо баробарии вегетативӣ ба тарафи ваготоникӣ майл мекунад ба амал меорад.

2. Нишон дода шудааст,ки кадом ташхисшавандагоне, ки барномаи мураккаби таълимро доранд, фоизнокии зиёди онҳоро хотираи кутоҳмуддати босиравӣ, сомеавӣ ва ҳаҷми диққати баланд ташкил медиҳад. Даврaҳои имтиҳонии раванди таълим (тест,

имтиҳони гузариш, имтиҳони хатм) бошад ба дараҷаи шиддатнокии функсионалии организми хонандагон таъсири гуногун мерасонад.

3. Исбот шудааст, ки давраи имтиҳонӣ новобаста аз шакли гузаронидани вай, яке аз эҳсоснок ва аз ҷиҳати физиологӣ неруталаб ва арзишманд ба ҳисоб меравад, ки он бисёртар тавсифи дараҷаи мутобиқшавии равандҳоеро, ки дар организм мавҷуданд, ва ҳангоми таҳсил дар муассиса ба амал меояд, таъмин менамояд. Инчунин вобаста аз шакли таълим ва таъсири сарбории иловагӣ ҳангоми супоридани имтиҳонҳои аз синф ба синф гузаштан ва хатми муассиса фаъолияти системаи вегетативиро тағйир медиҳад.

Дараҷаи боэътимодии натиҷаҳо. Эътимоднокӣ ва асоснокунии натиҷаҳои ба дастовардашуда дар таҳқиқот истифодашаванда шарту усулҳои муосири физиологиро дарбар мегирад.

Натиҷаҳои ҳосилшуда ҳамчун навгонии илмӣ эътимоднокии баланди илмӣ дорад. Муҳтавои асосии рисола дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ аз соли 2021 то 2026 баррасӣ гардидаанд дар шакли маъруза гузоришҳои илмӣ пешниҳод шудааст.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи илмӣ.

Диссертатсия тибқи шиносномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, 6D060732 - Физиология мувофиқат мекунад.

Банди 3. Таҳқиқи қонуниятҳои функсионалии системаҳои асосии организм (асабӣ, иммунӣ, сенсорӣ, ҳозима, инкишоф, тарашуҳи дохилӣ ва ғайра). Банди 4. Таҳқиқи механизми идроки сенсорӣ ва ташкили ҳаракат.

Банди 7. Таҳқиқоти асосҳои физиологии фаъолияти равонии одам (механизми омӯзиш, хотир, эҳсос, шуурнокӣ ва ташкили рафтори мақсаднок).

Банди 8. Омузиши механизмҳои физиологии мутобиқшавии одам ба ҳама гуна шароитҳои ҷуғрофӣ, экологӣ, меҳнат, нутқ ва иҷтимоӣ. Муҳтавои диссертатсия пурра бо мақсад ва вазифаи гузошташуда оид ба омузиши ҳолати шиддатнокии равонӣ, мутобиқшавӣ ва функсияҳои физиологии организми хонандагон дар раванди таҳсил мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии унвонҷуи дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Диссертант дар асосӣ таҳлили сарчашмаҳо ва адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ шахсан худи у мавзуъро интихоб намуда, нақшаро коркард карда усулҳои гузаронидани таҳқиқот, мақсад ва вазифаи рисоларо дақиқу равшан намудааст. Ҳамаи қисмҳои кори илмӣ аз тарафи, унвонҷӯ иҷро карда шудааст. Ҷамъоварии коркарди оморӣ, таҳлили маводи таҳқиқот, навиштан, таҳия кардан ва шарҳ додани натиҷаҳои таҳқиқот аз тарафи унвонҷу мустақилона иҷро шудааст.

Дар асоси ҷамъбасти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии хешро пешниҳод кардааст. Ҳиссаи иштироки муаллиф дар таҳияи рисола 90%-ро ташкил медиҳад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои таҳқиқот дар маводи конференсияи илмӣ - назариявӣ бахшида ба эълон гардидани "Солҳои 2022-2026 солҳои рушди саноат ва 20 солаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" (Кулоб, 2022), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони "Вазъи муосири гуногунии биологии Тоҷикистон ҳифз ва истифодаи оқилонаи он" (Душанбе, 2022), маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи "Тағйирёбии иқлим ва таъсири он ба обҳои ошомидании Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Кулоб, 2022). Конфронси илмӣ ва назариявӣ бахшида ба "20 – солаи омузиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" (Кулоб, 2023). Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–назариявӣ "Махсусияти физиологии донишҷуёни синну соли гуногун дар раванди таълим" (Клоб, 2024), маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бо иштироки байналмиллалӣ "Ҷанбаҳои экологӣ-физиологии фаъолияти системаҳои зинда бо таъсири омилҳои гуногуни муҳит" бахшида ба 70- солагии доктори илмҳои биология профессор Устоев М.Б. "Омузиши махсусияти физиологии хонандагони синну соли гуногун дар ҷараёни таълим" (Душанбе, 2024).

Интишорот аз руйи мавзуи диссертатсия. Муаллиф беш аз 8 мавод ба табъ расонидааст, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардашудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 фишурда. Натиҷаҳои таҳқиқот дар омода ва таҳияи намудани шиддатнокии равонӣ ва физиологии организми хонандагон дар раванди таҳсил мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия дар ҳаҷми 151 саҳифа иншо гардида, аз муқаддима, 6 боб, хулоса, тавсияҳои амалӣ доир ба истифодаи натиҷаҳо, руйхати адабиётҳои истифода гардида, ки 230 номгуй, аз он ҷумла 53 номгӯйи онро адабиёти ба забони англисӣ ташкил мекунад. Дар диссертатсия 25 расм, 18 ҷадвал ҷой дода шудааст.

Муҳтавои асосии таҳқиқот

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, ҳадафҳо ва вазифаҳои таҳқиқот пешниҳод карда шудаанд. Шарҳи сарчашмаҳои илмӣ оид ба мушкилоти муосири таъсири стресси имтиҳонӣ ба мутобиқшавии хонандагони муассисаҳои таълимоти миёнаи умумӣ ва литсей

гимназияҳо мактабҳои типи нав дар ҷараёни таҳсил, мутобиқшавии онҳо дар раванди таҳсил ва асосоноккунии онҳо ба роҳ монда шудааст. Дар ин боб маълумоти илмӣ оиди рафти ҷараёни таълим тағйирёбии ҳолати физиологии хонандагон дар ҳолатҳои гуногун ба монанди шиддатнокии эҳсосӣ, мутобиқшавӣ, ҳолати изтироб ва тағйирёбии кори системаи дилу рагҳо, аъзоҳои ҳис иштироки онҳо дар ҷараёни таҳсил мавриди омузиши қароркардашуда пешниҳод карда шудааст.

Мавод ва усули таҳқиқот

Таҳқиқот хонандагони синфи 8 ва 9 мактаби Президентӣ ва муассисаи таълимии миёнаи умумии №6 шаҳри Кулоб. Дар таҳқиқот 200 нафар хонандагони ду муассиса иштирок намуданд, ки синну соли миёнаи онҳо 14-16 -ро ташкил мекунад аз ин 100 нафари онҳоро писарон ва 100 нафари дигарашро духтарон ташкил намуданд ба таври зерин гузаронида шуд:

1. Гузаронидани таҳқиқотҳо ҳамарӯза то дарс, вақти дарс, баъди дарс, дар давоми ҳафта;

2. Қабули имтиҳонҳо ба шакли тестӣ барои хонандагони синфи 8-9-ум;

3. Қабули имтиҳонҳо ба шакли анъанавӣ (шифоҳӣ), ба ҳайси назоратӣ хонандагоне, ки ба онҳо ягон ангезандаҳои иловагӣ стресси эҳсосиро ба амал меорад;

Барои баҳодиҳии изтироб усули Ч.Д. Спилбергер ва Ю.Л. Ханин [11,с.12], истифода карда шуд. Дар таҳқиқоти физиологӣ ченкардани аксуламали ҳарорати содда ва мураккаби босира ва сомеа, зудии набз, то ва баъди сарбории иловагӣ 20- маротиба шишта хестан дар 30-сония ва ҳисоби индекси Руфе фишори артериявии систолӣ (ФАС), фишори артериявии диастолӣ (ФАД) ва нишондиҳандаҳои фаъоли системаи танзимкуни (НФСТ) гузаронида шуд.

Самти асосии таҳқиқот ин омузиши таъсири раванди таълим дар шароити шадид ба нишондиҳандаҳои психофизиологии хонандагон ба ҳисоб мерафт. Дар рафти таҳқиқот чунин ҳолатҳои физиологӣ ва равонӣ гузаронида шуд:

Омузиши заминаҳои физиологии динамикаи раванди таълим: дар давоми рӯз, ҳафта ва соли таҳсил. Таҳқиқотҳо

чунин гузаронида шудаанд: пеш аз дарс, дар давоми дарс ва баъд аз дарс, ҳар руз, аз душанбе то шанбе, бо фарогирии тамоми таҳқиқот, дар ҳар як гуруҳи интихобшуда, пеш аз имтиҳони ҷамъбастӣ (имтиҳони тестӣ) барои хонандагони синфҳои 8-9-ум.

Таҳқиқоти физиологӣ: ченкунии зудии набз (ЗН) пеш аз ва баъд аз сарбории иловагӣ, миқдор ва ҳисоб кардани индекси Руфе, фишори артериявии систолӣ (ФАС) ва фишори артериявии диастолӣ (ФАД); таҳлили математикии ритми дил бо усули Р.М.Баевский [3,с.54]; андозагирии нишондиҳандаҳои ҳолати функсионалии системаи марказии асаб (ҳаракатҳои содда ва мураккаби сомеа ва босира ҲСС, ҲМС, ҲСБ, ҲМБ) нишондиҳандаҳои ҳолати функсионалии системаи асаб, мушакҳо ва устувории онҳо; арзёбии субъективии беҳбудӣ, фаъолият ва табъ бо истифода аз ҷадвалҳои ҳиссиёт, фаъолият ва табъ, муайян кардани изтироби реактивӣ бо усули К.Д. Спилбергер, Ю.Л. Ханин [11, с.12]. Ҳолати системаи дилу рагҳо аз руи сатҳи фишори артериявӣ ва суръати набз муайян карда мешавад. Бақайдгирии зудии кори дил (ЗКД) усули соддатарин, беҳтарин ва дақиқи арзёбии таъсири омилҳои гуногун ба бадани инсон мебошад.

Омузиши хислатҳои инфиродии психологии шахсият бо мақсади ташхиси дараҷаи ифодаи хосиятҳое, ки ҳамчун ҷузъҳои муҳими шахсият ба миён гузошта шудаанд: экстроверсия, интроверсия, нейротизм аз руи усули Г.Д. Айзенк [7, с.454] бо истифода аз саволномаи мутобиқшуда, ки аз 57 савол иборат аст, гузаронида шудааст. Усули Айзенк имкон дод, ки хислатҳои шахсияти кудакони мавриди омӯзиш муайян карда шавад: муошират, ҷудоӣ, эҳсосотӣ, худдорӣ. Саволҳое, ки ба муайян кардани рафтори муқаррарии кудак нигаронида шудаанд, ба саволи ҳозира ҷавобҳои зуд ва қатъӣ доданд - ҳа ё не. Ҷавобҳое, ки бо калид мувофиқанд, дар як нуқта ҳисоб карда шуданд. Пас аз ҳисоб, арзишҳои бадастомада мувофиқи тавсифи характерологии тарозуҳои мувофиқ шарҳ дода шуданд.

Таҳлили омории маводҳои таҳқиқот бо истифодаи t-нишон диҳандаҳои Стюдент тавассути барномаи

«Биостатистика» таҳлили регресивӣ бо ёрии барномаи «Статистика 6,0» ба роҳ монда шуд.

Натиҷаҳои таҳқиқот

Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки фаъолияти равони аз руи мушоҳидаҳои психофизиологӣ тағйир ёфтани хонандагон бо таъсири сарбории таълим дар давоми рузи дарс, ҳафтаи хониш ба хусусиятҳои таълимӣ ҳар як муассиса вобаста аст.

Омузиши тағйирёбии нишондиҳандаҳои вегетативӣ вобаста аз шакли таълим дар хонандагон

Таълим гирифтану тарбия додан дар муассисаҳои мазкур хусусиятҳои хосро дорад, ки ин воқиф аз вазъияти оилаи онҳо истифодаи технологияи муосир ва усулҳои ҷадиди муосир, ва дигар омилҳое, ки ба таври мухталиф ба организм таъсир мерасонад, алоқамандӣ ва вобастагӣ доранд. Яке аз омилҳои марбут, ки мавқеи марказиро дорост, стресси имтиҳонӣ мебошад, ва боис ба амал омадани шиддатнокии равонӣ ҳолати стрессорӣ ҳамчунин осеб дидани системаи асаб мегардад. Дар бисёр ҳолатҳо имтиҳон метавонад яке аз сабабҳои осебрасон гардад. Супоридани имтиҳонҳо давраи имтиҳонҳо давраи муҳими дарси аҳаммияти иттилоотидошта маҳсуб меёбад. «Синдроми интизорӣ ё стресси равонӣ» дар донишҷуён пайдо мегардад. Ҳолати стрессиро қобилияти ба кор омадан, мутобиқшавӣ, мондашавии фикрӣ, парешонҳолии айёми имтиҳонсупорӣ, камхобӣ, қобиляти ба кор омода будан ва омадан ва ба кор, идрок коркард, мутобиқшавӣ ва амсоли инҳо тағйир медиҳанд. Вақтҳои охир оид ба таъсири стресси имтиҳонӣ ба организми хонандагон натиҷаҳои зерин назаррас ба мушоҳида мерасад: а) стресси имтиҳонӣ ба системаи асаб, дилу рагҳо; б) системаи иммунии хонандагон ва пайдоиши баъзе бемориҳои табобатшаванда. Вазъи имтиҳонӣ акси амали пай дар пайро аз қишри майнаи сар то ҳуҷайраҳову молекулаҳои он ба вуҷуд меорад. Дар хонандагон баландшавии ҳаҷми дақиқавии хун (ҲДХ) ва кори зудии дил (ЗКД) ҳангоми сабти вайроншавии системаи дилу рагҳо ба назар мерасад.

Таҳқиқоти анҷомдода собит намуда, ки фаъолияти равонӣ санҷишҳо ва мушоҳидаҳои доманадори психофизиологӣ тағйир ёфтани хонандагон бо корбарии дурудароз ва муассирии бори таълимӣ дар давоми руз ва ҳафтаи хониш ба хусусият ва корбарии самараноки ҳар як муассисаи таълимӣ вобастагии калон дорад. Яке аз меъёрҳои рушди мондашавӣ (ҲФТ) дар хонандагон коҳиши

индекси (БНРР) мебошад. Тавре ки аз натиҷаҳои таҳқиқот дар (ҷадвали 1.) нишон дода шудааст, дар хонандагон тағйироти ҷиддӣ дар басомад ба назар намерасид. Гарчанде ки дар арзишҳои (БНРР) баъзе тағйироти ноаён, вале боэътимод вуҷуд доранд.

Ҷадвали 1. – Динамикаи нишондиҳандаи (БНРР) аз руи синфҳо, дар давоми рӯз ва ҳафта

Нишон-диҳандаҳо	**Синфи 8.1**	**Синфи 8.2**	**Синфи 9.1**	**Синфи 9.2**
БНРР	41,4±0,2	41,1±0,27	41,6±0,3	41,7±0,21
	1 ҷуфт	**2 ҷуфт**	**1 ҷуфт**	**2 ҷуфт**
	41,4±0,21	41,3±0,28	41,5± 0,24	41,7±0,22
	Душанбе	**Чоршанбе**	**Панҷшанбе**	**Шанбе**
	41,8 ±0,20	42,0 ±0,22	41,0 ±0,22*	41,1 0,20*

Эзоҳ: Динамикаи назаррас нисбат ба арзишҳои ибтидоӣ - * - P<0,05.

Аз тарафи системаи марказии асаб аз руи нишондиҳандаҳои давраи ниҳонӣ барои реаксияҳои сода ва мураккаб афзоиши боэътимоди вақти реаксияҳои ҳаракатии биноӣ ва шунавоӣ (P<0,01) ба қайд гирифта шудааст (ҷадвали 2.)

Ҷадвали 2.–Динамикаи давраи латентии АҲБ ва АҲС хонандагон дар ҷараёни таълим

Нишонди-ҳандаҳо	**Синфи 8.1**	**Синфи 8.2**	**Синфи 9.1**	**Синфи 9.2**
АҲБ сода	0,29±0,0095	0,27±0,02	0,26±0,01*	0,29±0,02
АҲБ-мураккаб	0,41±0,004	0,48±0,03*	0,38±0,01*	0,43±0,005 *
АҲС-сода	0,26±0,007	0,24±0,006*	0,26±0,02	0,28±0,01*
АҲС-мураккаб	0,46±0,02	0,61±0,03*	0,44±0,01	0,5±0,02
Нишондиҳа ндаҳо	**1 ҷуфт**	**2 ҷуфт**	**1 ҷуфт**	**2 ҷуфт**
АҲБ- сода	0,31±0,02	0,27±0,01	0,26±0,01*	0,28±0,01
АҲБ-мураккаб	0,42±0,0082	0,40±0,01	0,43±0,02	0,44±0,01
АҲС- сода	0,27±0,01	0,27±0,01	0,23±0,007*	0,28±0,01
АҲС-мураккаб	0,48±0,002	0,51±0,02	0,48±0,03	0,50±0,02
Рузҳои ҳафта	**Душанбе**	**Чоршанбе**	**Панҷшанбе**	**Шанбе**
АҲБ- сода	0,25±0,0086	0,28±0,01*	0,26±0,01	0,29±0,02*
АҲБ-мураккаб	0,43±0,02	0,42±0,0075	0,41±0,009	0,43±0,005 4
АҲС- сода	0,25±0,0066	0,26±0,02	0,27±0,0099	0,28 ±0,01*
АҲС-мураккаб	0,48 ±0,01	0,50 ±0,02	0,51 ±0,02	0,50 ±0,02

Эзоҳ: Динамикаи эътимоднокӣ дар муқоиса бо аҳамияти ибтидоӣ - P <0,05.

Динамикаи давраи ниҳонии аксуламали ҳаракати содаи шунавоӣ дар хонандагон бештар ба назар мерасид: дар синфҳои 8 ва 9 давраи ниҳонии реаксияи ҳаракати соддаи шунавоӣ 0,26±0,0066 мск буд, баъд то 0,24±0,0063 мсек (P<0,05) коҳиш ёфт (P<0,05) ва афзоиши назарраси таҳсил дар синфи 8 ва 9. 0,28±0,01 (P<0,05, (ҷадвали 2., расми 1).Динамикаи давраи ниҳонии реаксияҳои ҳаракати мураккаби босиравӣ ва сомеавӣ, барои хонандагони синфҳои 8 ва 9-ум дар давраи ниҳонии реаксияҳои мураккаби ҳаракати визуалӣ ва шунавоӣ 0,41 буд ва 0,46 мс, дар нимсолаи дуюм 2 афзоиш то 0,43 ва 0,61 мс (P<0,05), дар синфи 9 нимсолаи якум коҳиш то 0,38±0,01 (P< 0,05) ва 0,44±0,01 ва дар нимсолаи дуюм бошад 3±0,0±5,0 ба қайд гирифта шуд. (P <0,05) ва 0,5±0,01 мс. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки авҷи баландтарини хастагӣ аз системаи марказии асаб дар синфҳои 8-ум ва 9-ум ба қайд гирифта шудааст, ки зоҳиран дар ҳолати аввал бо марҳилаи ниҳоии мутобиқшавӣ ба раванди таълим алоқаманд аст ва дар дуюм, бо афзоиши фишори равонӣ - эмотсионалӣ, омодагӣ ба имтиҳонҳои хатм барои хонандагони синфи 9.

Дар соати шашуми дарс дида мешавад, ки нисбатан камшавии аёнро марбут ба вақти аксуамалӣ ба таъсиркунандаҳои сода ҷавоб гардонида, эътимоднокии он ба (P≤0,05) баробар мегардад.



Расми 1. - Динамикаи аксуламали ҳаракати узвҳои ҳисси (босира ва сомеа) – и хонандагон дар давоми таҳсил.

Хусусиятҳои фаъолияти мутобиқшавӣ ва мутобиқсозии хонандагон дар раванди таълим

Барои арзёбии аниқи фаъолияти зеҳнӣ нишондиҳандаҳои системаи вегетативӣ аҳаммияти калони маънавӣ дорад. Онҳо раванди мутобиқшавии организмҳоро таъмин мекунанд ва ҷанбаҳои энергетикии иҷрои амалҳои равониро инъикос намуда, тавсиф менамоянд. Чунончи нишондиҳандаҳои вобастаи системаи гардиши хун ва кори дилу рагҳо, ки ҳамчун меъёри муҳими баҳодиҳии ҳолати умумии системаҳои танзимкунанда маҳсуб меёбанд. Фаъолияти дилро таҳлили математикӣ бо мақсади муайян намудани сатҳ ва хусусиятҳои системаи идоракунӣ ба сомон медиҳад. Ба омӯзиши кори гирехи синусӣ ба воситаи таҳлили пай дар пай ва тағйирёбии давомнокии кардиоинтервалҳо ин раванд асос меёбад. Аз ин лиҳоз, дар ин ҳолат гирехи синусӣ натанҳо чун манбаи автоматизми дил, балки ҳамчун нишондиҳандаи фаъолияти сатҳҳои болои танзими нейрогуморалӣ баррасӣ карда мешавад. Фаъолияти мутобиқшавӣ ва мутобиқияти организми хонадагон дар раванди таълим бо паст шудани фаъолияти канали гуморалӣ ва танзими асаби парасимпатикӣ, аз ҳисоби зиёд шудани фаъолияти бахши симпатикии танзими системаи вегетативии асаб, афзоиши мутамарказӣ танзими ритми дил, вобаста ба фаъол гардидани системаи танзими рагҳо вобастагӣ дорад.

Бо назардошти он нишондиҳандаҳое, ки барои ҳисоб кардани нишондиҳандаи фаъолияти системаҳои танзимкунанда (НФСТ) истифода мешаванд. Нишондиҳандаи миёнаи интизории квадратӣ (НМИК), майлкунии стандартӣ (МС), индекси стресс (ИС), индекси мутаммарказ (ИМ). Системаи автономии асабро ба гирехи синуси нишон медиҳад. Дар хонандагон афзоиши боэътимоди танҳо дар динамикаи тамоми раванди таълим нишон доданд, ки ин аз афзоиши танзими вегетативӣ, яъне таъсири нафаскашӣ ба ритми дил шаҳодат медиҳад (расми 2). Камшавии он дар динамикаи ҳафтаи мактабӣ (то рӯзи шанбе) хеле кам қайд карда шудааст, метавонад бо афзоиши танзими симпатикӣ алоқаманд бошад, ки фаъолияти гардиши вегетативиро маҳдуд мекунад.



Расми 2. - Динамикаи раванди таълими хонандагон.

Индекси шиддатнокии системаҳои танзимкунанда (ИШСТ) дараҷаи мутамарказии назоратӣ ритми дилро инъикос намуда, асосан фаъолияти шуъбаи симпатикии системаи асаби вегетативиро нишон медиҳад. Одатан қиммати индекси шиддатноки (ИШ) дар ҳудуди аз 70 то 120 воҳиди шартӣ дигаргун мегардад, ки дар раванди мутобиқшавӣ ба меъёри шиддатнокии муътадили механизмҳои танзимкунандаи организми хонандагон ба ҷараёни таълим мусоидат менамояд, чи тавре, ки дар раванди мутобиқшавӣ ба раванди таълим мувофиқат мекунад. Чӣ тавре ки аз расми 3 дида мешавад, дар рафти таълими хонандагон баланд шудани дараҷаи мутамарказии танзими ритми дилро қайд карда шудааст ва ин афзоиш шакли каҷи S -шакл буда, дар синфҳои 8 ва 9 ду «қулла» дошт. Дар натиҷа, аз рӯи таҳлили муқоисавии динамикаи ИШ қайд кардан, даркор аст, ки дар хонандагон фаъолияти пурқуввати нақшаи марказиро нисбат ба худмухтор мушоҳида намудан мумкин аст. Қимматҳои нисбатан пасти ИШ дар синфи 9-ум аз мутобиқшавии пурраи организми хонандагон ба раванди таълим шаҳодат медиҳад (расми 3).



Расми 3. - Динамикаи индекси шиддатнокии хонандагон дар ҷараёни таълим.

Ба таври қиёсӣ омузиши мутобиқшавии психофизиологии хонандагон ба системаҳои гуногуни таҳсил

Дар замони муосир, дараҷаи донишазбаркунӣ дар ибтидои ба таври системавии таҳсил, тез инкишофёбии раванди таълим ба таври васеъ истифода бурдани навоварии гуногуни педагогӣ сарборӣ аз меъёр зиёдро ба амал меорад. Ин имконият намедиҳад, ки на ҳама ҳолатҳои функсионалии организм қобилияти фаъолнокии худро дуруст ба роҳ монад. Сарборӣ иловагӣ вайроншавии фаъолияти меъёрии организм хусусан майнаи сарро ба амал меорад Аҳамияти калидиро дар инкишофи хонандагони, синфҳои поёни ё болои ҷараёни гуногуни ҳаёт, ҳангоми пайдошавии вазифаҳо ва таркибиятҳои нав, ки қобилияти тез инкишофёбиро доранд дар бар мегиранд. Дар баробари бозсозии физиологӣ хонандагон ба давраи хатмкунӣ ва дохил шудан ба мактаби олӣ мегузаранд, ки ин ҳама ба тағйирёбии ҳолати функсионалӣ узвҳо ва системаҳо оварда мерасонад.

Аз руи натиҷаи давраи 1-тақсимкунии хонандагон аз руи нишондиҳандаҳои ҳолати вегетативӣ. Муайян карда шуд, ки дар байни хонандагон, ки бо барномаи литсей таҳсил мекунанд. Теъдоди зиёдашонро симпатоникҳо (38,5%) ташкил мекунад. Дар хонандагоне, ки бо барномаи анъанавӣ таҳсил мекунанд, ин нишондод ба (16,6%) баробар аст (расми 4). Нормотоникҳо бошад дар ҳарду намуди таҳсил қариб баробар буда ба 53,8%, МТМУ – 55,5% мерасанд.



Расми 4. - Тақсимкунии ташхисшавандагон аз руи нишондоди танзими вегетативӣ дар раванди таълим.



Расми 5. - Тақсимкунии таҳқиқшудагон аз руи типи фаъолияти олии асаб бо фоиз

Таҳқиқотҳо оиди вобастагии тағйирёбии нишондиҳандаҳои вегетативии таҳқиқшавандагон аз ҳолати психофизиологӣ дар давраи аввали таҳқиқот муайян ва тақсимкунии типҳои фаъолияти олии асаб, аз руйи пурсишномаи Айзенк, нишон доданд, ки дар байни хонандагони литсей ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуми ҳама типҳои дода шуда, сангвиник, холерик, флегматик, меланхолик мавҷуданд. Муайян карда шуд, ки теъдоди аз ҳама зиёди сангвиникҳо дар хонандагони литсей дида мешавад, ки ба 60,2% баробар аст. Холерикҳо бошанд 19,8%, флегматикҳо 12%, меланхоликҳо 8%-ро ташкил мекунанд. Дар хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бошад ин нишондиҳанда чунин аст. Сангвиник 120%, холерик 6%, флегматик 40%, меланхолик 42% -ро ташкил мекунад (расми 5).

Таъсири раванди таълим ба нишондиҳандаҳои изтироби реактивӣ дар фаъолияти функсионалии хонандагон

Таҳқиқотҳои гузаронидашуда нишон доданд, ки қобилияти корӣ аз рӯи ҳолати фаъолият, табъ ва изтироби шахсии хонандагони синфҳои интихобшуда дар давоми рузи дарс, ҳафтаи хониш дар зери таъсири сарбории таълимӣ чандон тағйир намеёбад. Ҳамин тариқ, тавре ки аз маълумоти пешниҳодшуда дида мешавад, дар давоми рузи дарс, ҳафта ва тамоми раванди таълим дар хонандагон ягон динамикаи баръало ва боэътимоди изтироби реактивӣ мушоҳида карда нашудааст

Динамикаи ҳарруза ва ҳарҳафтаинаи нишондиҳандаҳои некуаҳволӣ, фаъолият ва руҳияи хонандагон якхела буданд ва бо фарқиятҳои ночиз дар нишондиҳандаҳои ҲФТ дар давоми рузи мактаб тавсиф карда шуданд. Истисно нишондиҳандаи беҳтарин мебошад (расми 6). Дар динамикаи ҳарруза коҳиши боэътимод то 5,28±0,19 (бо арзиши ибтидоии 5,71±0,16, P<0,05,



Расми 6. - Динамикаи ҳаррӯзаи нишондиҳандаҳои ҲФТ дар хонандагон.

Ба таври иловагӣ таҳлили дисперсионии гузаронидашуда собит намуд, ки фоизи баландтарини таъсири омил ба вазифа дар соли таъсил (33,2%), яъне 32,2% тағйирёбии мушоҳида кардан дар сатҳи изтироби реактивӣ ба чигунагии раванди таъсили солона марбут аст, дар сурате ки дигар омилҳо 67,8% бошад, далел 10,9%-динамикаи рузона аз таъсири рақами ҷуфт, дар ин ҷо ҳиссаи таъсири омилҳои дигар хеле зиёд аст. Ҳамин минвол, ҷараёни таълими хонандагон дар мактаби Президентӣ ба шуддатнокии функсионалии организм, ҳамчунин, ба раванди фаъолияти хонандагон таъсири манфӣ мерасонад. Ҳар чанд ин таъсир бо истилоҳи миқдорӣ чандон ифода наёфтааст.

Арзёбии сатҳи шиддатнокии функсионалии организми хонандагон бо усулҳои математикӣ

Бо мақсади муайян кардани қолабҳо ва хусусияти робитаи системаҳои функсионалӣ дар хонандагон таҳлили муносибатҳои байни параметрҳои механизмҳои иҷроияи марбут ба як ё ФС-и гуногуни сатҳи гомеостатикӣ дар асоси принсипи таъсири мутақобилаи бисёрпараметрӣ, бисёр эффектории онҳо гузаронида шуд.

Сатҳи шиддатнокии функсионалии организм метавонад дорои меъёри асосӣ нишондиҳанда, ба монанди таносуби шумораи коэфисентҳои коррелятсионӣ тавсифкунандаи алоқаи дохилӣ ва байни система бошад. Ҳамин ранг, бештари хонандагон қобилияти қаноаткунандагии аз нав тақсимкунии шумораи пайвастҳо ба бештари пайвастҳои байни системавиро доро мебошад. Аз ин бар меояд марбут ба аз нав тақсим кардани шумораи пайвастҳо ба бештари шумораҳои пайвастҳои байни системавӣ хонандагон маҳорат доранд. Ин шаҳодати он аст, ки бо сари кор гирифтан ба қобилияти танзимкунанда фаъолияти як гуруҳ системаҳоро ба мақсади ба даст овардани натиҷаҳои фоидабахши мутобиқ гардидан фаъол ва омода мегардонад, ки барои дар ҳолати лозима нигоҳ доштани гомеостаз, фаъолияти дар организми хонандагон марказҳои олӣ пайваст мешавад, ки сатҳи фишорӣ функсионалии организмро ба таври мутаносиб баланд мебардорад.Миқдори бештари робитаҳои таносубӣ дар байни донишҷуён ба динамикаи ҳафтаинаи тамоми раванди таълим баъд аз он динамикаи рузи дарсӣ ва соли таҳсил бо фосилаи хурд алоқаманд буд.(расми 7),.



Расми 7.- Муносибатҳои таносуби байни хонандагон

Баҳодиҳии шиддатнокии функсионалии организми хонандагон ҳангоми имтиҳонсупорӣ бо усули тести

Таҷрибаҳо нишон доданд, ки агар ба организм баъзе омилҳои ногувор таъсир ба организм расонад аз онҷумла. ин стресси имтиҳонсупорӣ, ки муддати тулонӣ таъсир мерасонад ва функсияи эҳтётии организмро суст мекунад. Дар натиҷа шиддатнокии организм зиёд гашта ба мутобиқшави халал мерасонад.

Тавре ки аз ҷадвали 3 дида мешавад, системаи дилу рагҳо, умуман, ҳангоми санҷиш дар синфҳои 8-9 ба фишори эмотсионалӣ баробар ҷавоб дод, гарчанде ки ин тағйирот на ҳамеша боэътимод буданд. қиммати муътадили набз дар соли 1-ум 81,6±2,91 тап/дақ буд. Стресси пеш аз имтиҳон боиси афзоиши назарраси суръати набз то 96,8±2,59 задан дар як дақиқа гардид, ки мувофиқи тасниф ба тахикардияи шадид (ЗН => 90) мувофиқат мекунад, пас аз имтиҳон коҳиш то 87,4±2,02 зарба / дақ. қайд карда шуд, ки ба тахикардияи миёна мувофиқат мекунад (ЗН=74-89, P<0,05).

Ҷадвали 3 - Динамикаи нишондиҳандаҳои системаи дилу раг дар хонандагон

Нишондиҳандаҳо	**Асли**	**Санҷиш**	
		То санҷиш	**Баъди санҷиш**
Синфи 8.1			
ФАС	116,2 ±3,88	125.4±3.18*	117.5±3.61w
ФАД	77,5 ±2,19	83,2±2,78*	83,2±1.95*
ЗН	73.5±2.47	95.5±2.66*	85,5±2,70* (x)
Индекс Руфе	5,06 ±0,47	8. I±0.48*	7.6 I±0.57*
Синфи 8.2			
ФАС	121.7±3.23	127.0±3.35	122.8±3.44
ФАД	80,0 ±2,00	81,0±1.12	81.l±2.30
ЗН	81.6±2.91	96.8±2.59*	87,4±2,02* (x)
Индекс Руфе	5,13 ±0,55	7,32 ±0,62*	7,12±0,41*
Синфи 9.1			
ФАС	118,0 ±3,76	125.0 ±3.95	115.0±3.54w
ФАД	77,0 ±2,79	78.0±2.85	75,0 ±2,50
ЗН	77,2 ±2,32	83.2±2.35*	79.2±2.15
Индекс Руфе	3,93 ±0,3	4.7 I ±0.38*	4,62 ±0,43
Синфи 9.2			
ФАС	119,3 ±3,11	121.3±2.63	120.2±2.74
ФАД	78.2±2.32	79.3±2.22	77,2 ±2,07
ЗН	72,0 ±2,46	86.4±2.12*	78,0±2,37* (x)
Индекс Руфе	4,93 ±0,43	6.12 ±0.54	6,54±0,34*

Эзоҳ: * - фарқиятҳо нисбат ба ибтидой назаррасанд, (х) - нисбат ба пеш аз санҷиш (P<0,05).

Санҷиш дар синфҳои 8-9 реаксияи монандро аз нишондоди зудии набз ба вуҷуд овард, ки аксуламали боз ҳам бештар дар синфи 8 ба қайд гирифта мешавад (расми 8).



Расми 8. -Динамикаи зудии набзи хонандагон

Набзи миёнаи дил ба ҳисоби миёна ба 83,2±2,35 тап/дақ буд, ки ба тахикардияи миёна (411=74-89, P<0,05) рост меояд ва фарқияти сатҳи аввал ва пеш аз муоина ҳадди ақал буд (ба ҳисоби миёна 6,0 тап/дақ.

